# СУРАТҶАЛАСАИ № 56
## аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 01-уми августи соли 2025 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ
10 нафар (аз ҷумла 3 нафар д.и.п. ба тариқи онлайнӣ).

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

1. Сабурӣ Хайрулло
2. Ҳамробоев Насимҷон
3. Абдуллоева Меҳриниссо (онлайн)
4. Азизов Абдулатиф
5. Бобоева Сайёра
6. Давлатзода Ҷамила (онлайн)
7. Исломов Озод
8. Мухаметов Гапур (онлайн)
9. Файзализода Баҳрулло (онлайн)
10. Шаропов Шавкатҷон

**Раиси Шуро:** д.и.п., профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода:

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 26-уми апрели соли 2024, таҳти № 144/ш.д. тасдиқ гардидааст, 10 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 4 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 10 нафар ҳозирбудагон 5 нафар доктори илмҳои педагогӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошанд. Дар асоси қайди варақаи ҳузур кворум ҳаст.

## РӮЗНОМА

3. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна** дар мавзуи **“Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ – **Раҳмонов Зикриё Пӯлотович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров») барои ташхис ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

Дар бораи оғоз намудани ҷаласа чӣ гуна фикрҳо ҳаст? Таклиф шуд, ки чун кворум ҳаст, ҷаласа оғоз карда шавад. Ҳар касе тарафдори оғоз намудани маҷлис бошад, хоҳиш мекунам, раъйи худро маълум намояд.

**Тарафдор? – “Ҳама”; Зид? - “Нест”; Бетараф – “Нест”.**

## ШУНИДА ШУД:

Дар бораи масъалаи сеюми рӯзномаи маҷлис раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло суханронӣ намуда, мақсади масъалаи навбатии рӯзномаи ҷаласа Шуроро ба ҳозирин ошно намуд.

Ҳамчунин барои ба пуррагӣ ошно намудани аъзоёни Шуро бо ариза, диссертатсия, автореферат ва дигар ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ – **Ҷӯраева Мунзифа** суханро ба котиби илмии Шуро, доктори илмҳои филология, профессор Ҳамробоев Насимҷон вогузор намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-КОА026 профессор Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна** таҳти роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Раҳмонов Зикриё Пӯлотович** таҳия шуда, автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, тибқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) таҳия ва ба тартиб даровarда шудааст.

Диссертатсия ва бастаи ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ ба унвони Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо аризаи унвонҷӯ пешниҳод шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Инчунин интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 25 адад аст, 6 адади он дар маҷаллаҳо ва нашриёҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашриёҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34-уми “Низомнома”-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мутобиқ аст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ **Ҷӯраева Мунзифа** барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна** дар мавзуи **“Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи

педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

**А. Азизов** – раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ.

**С.Б. Бобоева** – доктори илмҳои психология, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ, аъзо.

**Ҷ. Давлатзода** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ, аъзо;

3. Комиссияи ташхисии назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод менамояд.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 10 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.п., профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
д.и.ф., профессор — Н.А. Ҳамробоев